ҚАРОРИ

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар бораи ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович «Механизми ташкилӣ-иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

аз 04 ноябри соли 2026 №38 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пас аз шунидани хулосаи мусбии комиссияи коршиносони Шуро дар ҳайати Аминов И., д.и.и., профессор - раиси комиссия, Сафозода А.К., д.и.и., дотсент – аъзои комиссия, Орипов А.С., н.и.и., дотсент, **қарор қабул кард**:

1. Хулосаи комиссияи коршиносони Шуро аз 02 ноябри соли 2026 дар бораи мутобиқати диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович «Механизми ташкилӣ-иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба самти ихтисоси зикршуда ва фаъолияти шӯрои диссертатсионӣ тасдиқ карда шавад.

2. Диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович «Механизми ташкилӣ-иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Досиев Маҳмадшоҳ Назарович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Саидзода Қурбоналӣ Саид - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

4. Ба сифати муассисаи пешбар МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» таъин карда шавад.

5. Санаи ҳимоя 15 декабри соли 2026 таъин карда шавад.

6. Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

7. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

8. Рӯйхати ташкилотҳое, ки бояд авторефератӣ диссертатсия тавсеа гардад, тасдиқ карда шавад.

Дар асоси варақаи ҳузур дар ҷаласа 13 нафар аъзои шӯрои диссертатсионӣ иштирок доштанд.

Карори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ якдилона қабул шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., профессор **Шарофзода Ф.Р.**

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент **Исмоилов А.А.**